**Ба Шурои диссертатсионии 6D.K0A-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқоти илмии Шоҳзода Назира Изатулло ба таҳқиқи яке масъалаҳои мубрами илми менеҷмент, яъне «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» бахшида шуда, мундариҷа ва мазмуни он бо шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти илмии муаллиф дар худ ошкорсозии самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат, яъне ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ инъикос намуда, муаллиф дар он масъалаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузориҳои хориҷиро дар асоси принсипҳои устувории иқтисодӣ ва муҳити зист мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Муаллиф тавонистааст асосҳои назариявию методологии ҷалби сармояи хориҷиро таҳқиқ намуда, нақши онро дар рушди хизматрасониҳои экологӣ муайян намояд. Дар раванди таҳқиқ категорияҳои назариявии идоракунии самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, нақши онҳо ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ нишон дода шудааст. Муаллиф мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ», «хизматрасониҳои экологӣ» ва “механизми ташкилӣ - иқтисодии идоракунӣ”-ро аз дидгоҳи иқтисоди идоракунӣ таҳлил намуда, онҳоро ҳамчун объекти мустақили идоракунӣ муайян намудааст, ки ин барои такмили назарияи идоракунии сармоягузорӣ аҳамияти илмӣ дорад.

Дар автореферати диссертатсия асоснок шудааст, ки сармояи хориҷӣ барои рушди бозори хизматрасониҳои экологӣ аҳамияти муҳим дошта,

воридшавии чунин таҷриба ва технологияи пешрафта, муосирсозии инфрасохтори муҳити зист ва ҳалли муассири масъалаҳои вобаста ба об, партовҳо ва энергетикаи сабзро таъмин менамояд. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки самтҳои асосии истифодаи сармояи хориҷӣ тозакунии об, коркарди партовҳо, ҷорӣ намудани иқтисоди даврӣ, истифодаи дубораи мавод ва рушди энергетикаи барқароршаванда мебошанд. Муайян карда шудааст, ки дар кишварҳои пешрафта муҳити ҳуқуқии устувор, имтиёзҳои андозӣ ва ҳамкории бахши давлатӣ-хусусӣ ба рушди босуръати бозори хизматрасониҳои экологӣ мусоидат кардаанд. Дар таҳқиқоти илмӣ бо такя ба таҷрибаи ин кишварҳо, омилҳои таъсиррасон ба самаранокии идоракунӣ ва истифодаи сармояи хориҷӣ ба таври муфассал таҳлил гардида, роҳҳои мутобиқсозии онҳо ба воқеияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Дар таҳқиқоти илмии муаллиф монеаҳо ва мушкилотҳои мавҷуда ҳангоми идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳлил ва гурӯҳбандӣ шудаанд. Муаллиф барои бартарафсозии онҳо пешниҳодҳои мушаххас ва асосноки илмӣ пешниҳод намудааст, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошанд.

Аз нигоҳи сохтор ва мазмун, таҳқиқоти илмӣ мутобиқ ба талаботи стандартҳои илмӣ таҳия гардида, дорои қисми назариявӣ, таҳлили амалӣ ва тавсияҳои мушаххас мебошад. Забони таҳқиқот равон, услуби илмӣ риоя шудааст ва хулосаҳои пешниҳодшуда асоснок мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат ва арзиши назариявию амалии таҳқиқоти илмӣ, баъзе масъалаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Агар дар автореферати диссертатсия пешгӯии баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ бо истифода аз усулҳои моделсозӣ ё дигар усулҳо ворид мегардид, ин ба амиқтар шудани таҳлили илмӣ, таҳкими асоснокии натиҷаҳо ва баланд шудани арзиши амалӣ ва тавсиявии таҳқиқот мусоидат менамуд.
2. Аз матни асосии таҳқиқоти илмӣ бар меояд, ки муаллиф ояндабинии ҷалби сармоягузории хориҷиро ба низоми хизматрасониҳои экологӣ то давраи соли 2030 амалӣ намудааст (ҷадвали 3, саҳ. 24). Хуб мешуд, агар муаллиф ҳисса ва фоизи сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро вобаста ба бахшҳо, ё ин ки соҳаҳои иқтисоди миллӣ нишон медод, ба манфиати кор мебуд.

Албатта, тавсияҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Аз матни асосии автореферати Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи сазовори дарёфти ин дараҷаи илмӣ мебошад.

Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Тақризнавис:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири шуъбаи Академияи хурди**
**илмҳои Тоҷикистон**
**дар назди Раёсати АМИТ** **М.И. Садриддинов**

Имзои д.и.и., М.И. Садриддиновро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Толиб

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: +992(37) 221 50 83; +992(37) 221 71 00.
Суроғаи электронии муассиса - e-mail: https://amit.tj/tj/.
Суроғаи электронии тақризнавис – sadrman_s@mail.ru.
3.11.2025